ДОСТОНИ ҲАҚИҚӢ



# ДОРӢ

## ДУХТАРЕ, КИ КАСЕ ДӮСТАШ НАМЕДОШТ

МУАЛЛИФ: АРЛЕН АДАМС
РАССОМ: ҶЕНИНА ҲЕЙНС ВА ҶОН ҲАРМС

# ДОРИ

## ДУХТАРЕ, КИ КАСЕ ДӮСТАШ НАМЕДОШТ










МОДАРҶОН, ИЛТИМОС, МАРО ҲАМ БА ОҒӮШ ГИР.
ЭЙ БЕЗОР НАКУН, МАН МОНДА ШУДААМ.
МОДАР БА ОШХОНА РАФТ.
ЭЙ, ДОРИ, ТУ БОЗ ЯК СТАКАНРО ШИКАСТӢ? ТУ ДУХТАРИ ТИРАРӮЙ ВА БЕАҚЛ ҲАСТӢ. ТУ ЯГОН КОРРО ДУРУСТ ИҶРО КАРДА МЕТАВОНӢ?
МОДАР ДУХТАРАШРО ТАРСАКИИ САХТЕ МЕЗАНАД.
ИН БА ТУ ДАР ОЯНДА ДАРСИ ОДОБ ХОҲАД ШУД. РАФТА ХОБ КУН! ИМШАБ ҲЕҶ ЧИЗ НАМЕХӮРӢ!
ШАБҲОИ ЗИЁДЕ ДОРИ ХОМӮШОНА ГИРЯ КАРДА МЕХОБИД.
БАРОИ ЧӢ МОДАРАМ МАРО ДӮСТ НАМЕДОРАД? БАРОИ ЧӢ МЭРИРО ДӮСТ МЕДОРАДУ МАРО НЕ? БАРОИ ЧӢ ДОИМО Ӯ МАРО БАДАФТ МЕГӮЯД?
БИЁ, МЭРИ, АНА СТАКАНИ ОБ БАРОИ ТУ ВА АНА ИН НОНУ МУРАББОРО ХӮР.
ДОРИ ХОҲАРЧААШРО ХУБ НИГОҲУБИН МЕКАРД.


РӮЗҲОЮ МОҲҲО ҲАМИН ТАВР ЯКРАНГ МЕГУЗАШТАНД.
ДОРИ МЕДОНИСТ, КИ ӮРО ДӮСТ НАМЕДОРАНД ВА НАМЕХОҲАНД. ДАР ХОНАИ ОНҲО НА ХАНДА БУД, НА БОЗИЧА, НА ХУРСАНДӢ.
АММО РӮЗЕ ҲАМАИ ИН ТАҒЙИР ЁФТ. МОДАР БА ХОНА ДАРОМАДА, МАЙНАВОР ХАБАРҲОИ НАВРО РАСОНД.
ПАЛТОҲОЯТОНРО ПӮШЕДУ БО МАН БИЁЕД. МАН ЗИЁДА АЗ ИН ШУМОРО НИГОҲУБИН КАРДА НАМЕТАВОНАМ. БАРОИ ҲАМИН ШУМОРО БА ХОНАЕ МЕБАРАМ.
?
ОНҲО ДАР ТРАМВАЙ МЕРАФТАНД. ДАР ДАСТИ ДОРИ СУМКАИ КОҒГ АЗИН БО КАМЕ ЛИБОСҲОЯШ БУД.
МОДАРАМ „ХОНА" ГУФТА ЧИРО ДАР НАЗАР ДОШТ? ЧӢ ХЕЛ ХОНА?
ОНҲО НАЗДИ ДАРВОЗАҲОИ БАЛАНДИ ОҲАНИН ИСТОДАНД.
МОДАР БА ОНҲО ГУФТ, КИ БА ДАРУН ДАРОЯНД.
?
ХАЙР. МАН ГОҲ-ГОҲ БА ДИДАНАТОН МЕОЯМ.
ОНҲО ҲАНГОМИ ЧОШТ ОМАДА БУДАНД ВА САРОСЕМА БА ХОНАИ КАЛОНЕ, КИ ҚАРИБ 60 НАФАР КӮДАКОН ДАР АТРОФИ МИЗИ ХӮРОКХӮРӢ НИШАСТА БУДАНД, ДАРОВАРДА ШУДАНД.
ИН КӮДАКОН КИСТАНД? ИН ҶО МАКТАБ АСТ?
ХОМӮШ. ТЕЗ-ТЕЗ ХӮРЕД! АГАР ГАП ЗАДАН ХОҲЕД, ДАСТ БАРДОРЕД.


И-И. ЛАБЛАБУИ ҚАНД. МАН ЛАБЛАБУРО ДӮСТ НАМЕДОРАМ.
ҲМ. НАҒЗ ДИДАНИ ЛАБЛАБУРО ЁД ГИР. ТО ДАМЕ КИ ХӮРОКРО НАХӮРӢ, АЗ САРИ ДАСТАРХОН НАМЕХЕЗӢ.
ДОРИ ДУХТАРЧАИ ХУРДИ ЯКРАВ БУД, АММО ДИРЕКТОР АЗ Ӯ ЯКРАВТАР БУД.
ХӮРОКИ НИСФИРӮЗӢ ГУЗАШТ. ХӮРОКИ ШОМ ГУЗАШТ. ДОРИ ХӮРОКАШРО НАМЕХӮРД ВА НАМЕТАВОНИСТ АЗ САРИ МИЗ ХЕЗАД.
ДАР ОХИР ВАҚТИ ХОБ ШУД ВА МЭРИРО БА ГУРӮҲИ ДУХТАРЧАҲОИ ХУРДСОЛ ГИРИФТА БУДАНД. ДОРИ ТАНҲО МОНД. ВАКИЛАИ ХОҶАГӢ ДОРИРО БО ТОЗИЁНА ЗАДА-ЗАДА, АЗ ЗИНАПОЯҲО БОЛО БУРДА БА ҶОИ ХОБ РАСОНД.
ДАР ИН ХОНА ТУ ИҶРО КАРДАНИ ФАРМОНҲОИ БА ТУ ГУФТАШУДАРО МЕОМӮЗӢ.
БА ДОРИ ХОНАИ КАЛОНИ ТИРАЕРО, КИ 20 КАТ ДОШТ, НИШОН ДОДАНД.
ВАЯШ ҶОИ ХОБИ ТУСТ. ЛИБОСҲОЯТРО ДАР ҶЕВОН ОВЕХТА МОН ВА ХУДИ ҲОЗИР ХОБ КУН!
ОЁ МОДАРИ МАН БА ЗУДӢ БАРМЕГАРДАД?
ҲА. ГОҲ-ГОҲ МЕОЯД.
ДАР ОН ШАБИ НАХУСТ ДОРИ ГИРЯКУНОН ХОБ КАРД. ИН ОН МАШҒУЛИЯТЕСТ, КИ ДАР ДАВОМИ ҲАФТ СОЛ ВАЙ ҲАР ШАБ ИҶРО МЕКАРД.


РӮЗИ ДИГАР...
ШУМО ИН ҶОРО ЧӢ МЕНОМЕД?
ИН САҒИРХОНА АСТ. ИН ҶОЕСТ, КИ ТУ БА КАСЕ ЛОЗИМ НЕСТӢ.
ВАКИЛАИ ХОҶАГӢ, ХОНУМА ГАБРИЕЛЛА, БА Ӯ ХОНАИ БОЗИКУНИРО НИШОН ДОД.
ҲАР ЯК КӮДАК ҚУТТИИ ШАХСИИ ХУДРО ДОРАД, КИ ДАР ОН ЧИЗҲОЯШРО НИГОҲ МЕДОРАД. ТУ ҲО АНА ОН ҚУТТИИ ОХИРИНРО ГИР.
ЧӢ ХЕЛ ЧИЗҲО? МАН ҲЕҶ ЧИЗ НАДОРАМ.
ОЁ МАН МЕТАВОНАМ ЯК БОЗИЧАИ ТУРО ДАР ҚУТТИЯМ НИГОҲ ДОРАМ?
НАРАС. ИН АЗ ОНИ МАН АСТ.
МАН ТАНҲО БА ОМАДАНИ МОДАРАМ МУНТАЗИР МЕШАВАМ. БОВАРӢ ДОРАМ, КИ ИНТИЗОРИАМ ТӮЛ НАМЕКАШАД.
АММО РӮЗҲО, ҲАФТАҲО МЕГУЗАШТАНД ВА МОДАР БАРНАГАШТ. ОҲИСТА-ОҲИСТА ДОРИ ДАРК НАМУД, КИ ВАЙ МАҶБУР АСТ ИН ҶО МОНАД. ДАР САҒИРХОНА ДОРИ ТАНҲО ЯК РОҲИ ПЕШБАРИИ ЗИНДАГИРО МЕДИД – БЕОДОБ ШУДАН.
ЭЙ, НАРАС, ИН АЗ ОНИ МАН АСТ.
БА МАН ДЕҲ! МАН ҲАМ БОЗӢ КАРДАН МЕХОҲАМ.
ДОРИ ХӮРДАНИ ШАВЛАЕРО, КИ ПАГОҲИҲО МЕДОДАНД, РАД КАРД.
МАН ИНРО БАЪДТАР БА ДАСТШӮЯКИ ОШХОНА МЕРЕЗАМ.
ЗАМОНЕ КИ БА ДАСТИ ВАКИЛАИ ХОҶАГӢ АФТИД.
ДОРИ!
ТЕЗ ИН ҶО БИЁ!


ВАКИЛА ДАҲОНИ ӮРО БО СОБУН ШУСТ. ВА БАЪДИ ИН ШАВЛА ТАЪМИ ДИГАР ГИРИФТ.
III!
ОҲИСТА-ОҲИСТА ДОРИ ДУГОНАЕ ЁФТ.
МАРҲАМАТ, ДОРИ, МЕТАВОНӢ АЗ ҚАЛАМҲОИ РАНГАИ МАН ИСТИФОДА БАРӢ.
РАҲМАТ, ЭСТЕР. МАН ҲАМ БАРОИ ҲАРДУЯМОН ЯКЧАНД ВАРАҚ АЗ МАКТАБ САРФА КАРДА БУДАМ.
АММО НОХОСТ РӮЗЕ ЭСТЕР ҒАЙБ ЗАД.
ЭСТЕР КУҶОСТ?
ҲА, ВАЙ ИМРӮЗ МОНДА РАФТ. ОИЛАЕ ВАЙРО БА ФАРЗАНДӢ ҚАБУЛ КАРД.
ДОРИ ХУДРО БОЛОИ КАТ ПАРТОФТА, ГИРЯ КАРД.
МАН БА ШУМО ГУФТА БУДАМ, КИ ДӮСТОНИ НАЗДИК НАШАВЕД. ВАҚТЕ КИ ОНҲО МОНДА МЕРАВАНД, ДИЛОЗУРДА МЕШАВЕД.
ЗУД ГИРЯРО БАС КУН! ТУ ХУДАТРО ХОР МЕКУНӢ.
ХОНУМА ГАБРИЕЛЛА ҲАМЕША КӮДАКОНРО БО ЯГОН САБАБЕ МЕЗАД.
ДОРИ ҲАТТО БАРОИ КОРҲОИ НАКАРДААШ ҲАМ ШАЛЛОҚ МЕХӮРД.




ФАҚАТ ДУ МАШҒУЛИЯТЕ БУД, КИ ДОРИ ИҶРОИ ОНРО ДӮСТ МЕДОШТ: ХОНДАН ВА РАСМКАШӢ ВА ИН КОРҲО ЗИНДАГИИ ӮРО ТОҚАТПАЗИР МЕГАРДОНДАНД.




ДАР НАЗДИ ДӮКОНИ ГАЗЕТАФУРӮШӢ.
ЯГОН РӮЗ МАН ҲАМ РАССОМИ НОМДОР МЕШАВАМУ РАСМҲОИ КАШИДААМ ДАР ОН ҶО МЕИСТАД.
АММО АЗ ҲАМА БЕШТАР ДОРИ ОРЗУ МЕКАРД, КИ БА ОИЛАЕ ТААЛЛУҚ ДОШТА БОШАД, КИ ӮРО ДӮСТ ДОРАНД.
ОХ,ЧӢ ХЕЛ ХУБ АСТ, КИ КАСЕ ТУРО ДӮСТ ДОРАД.
ҲАР МОҲ ДАР САҒИРХОНА ЯК РӮЗИ МАХСУСЕ БУД, КИ ҲАР ЯК КӮДАКРО БА ҲАЯҶОН МЕОВАРД. КАЛОНСОЛОНЕ, КИ ХОҲИШИ ГИРИФТАНИ КӮДАКЕРО ДОШТАНД, БА САҒИРХОНА ОМАДА, КӮДАКИ МАЪҚУЛАШОНРО ҶУДО КАРДА МЕГИРИФТАНД.
ДОРИ РӮЯШРО ШУСТА, МӮЯШРО ШОНА ЗАДА, ЛИБОСҲОИ БЕҲТАРИНАШРО ПӮШИД.
КОШКИ ИМРӮЗ ЯГОН КАС МАРО ҲАМ МАЪҚУЛ МЕКАРД.
АММО ҲАР МОҲ ДОРИ ДАР САҒИРХОНА МЕМОНД.
БА ОН ПИСАРЧАИ ДАСТРӮЯК НИГАРЕД.
МО АНА ИН ДУХТАРЧАИ ҶИНГИЛАМӮЙРО МЕГИРЕМ.
ДЕРЕ НАГУЗАШТА, ДОРИ АЗ ИН РӮЗҲО МЕТАРСИДАГӢ ШУД ВА ҲАНГОМИ ОМАДАНИ ПАДАРУ МОДАРОН Ӯ ПИНҲОН МЕШУД.
ҲАҚИҚАТАН ҲАМ, ДОРИ, ТУ КӮДАКИ БЕАҚЛЕ ҲАСТӢ. ТЕЗ АЗ ОН ҶО БАРО.
ОНҲО МАРО ҶУДО КАРДА НАМЕГИРАНД, БАРОИ ОН КИ МАН ФАРБЕҲ ВА БАДАФТ ҲАСТАМ. БАРОИ ЧӢ БА ПЕШИ ОНҲО БАРОЯМ.


РӮЗЕ ГУРӮҲИ ДОНИШҶӮЁН БА САҒИРХОНА ОМАДАНД. ОНҲО БА КӮДАКОН СУРУДҲО ОМӮЗОНДАНД ВА БА ОНҲО АЗ КИТОБИ МУҚАДДАС ҲИКОЯҲО ГУФТАНД.
?
ХУДО ШУМОРО ХЕЛЕ ДӮСТ МЕДОРАД ВА МЕХОҲАД ПАДАРИ ШУМО БОШАДУ БА ШУМО ҒАМХОРӢ НАМОЯД.
ИН ДУРӮҒ АСТ. ҲЕҶ КАС МАРО ДӮСТ НАМЕДОРАД.
ХУДО ШУМОРО ЧУНОН САХТ ДӮСТ МЕДОРАД, КИ ПИСАРИ ЯГОНАИ ХУД ИСОИ МАСЕҲРО ФИРИСТОД, ТО БАРОИ ҲАМАИ КОРҲОИ БАДИ КАРДАИ ШУМО ҶАЗО ГИРАД.
ВА АКНУН ГУНОҲҲОИ ШУМО МЕТАВОНАНД БАХШИДА ШУДА БОШАНД ВА ШУМО НАЗДИ ХУДО БИЁЕД.
ОЁ АКНУН ЯГОН КАСИ ШУМО ҲАЁТИ ХУДРО БА Ӯ БАХШИДА МЕТАВОНАД?
МАН МЕХОСТАМ, АММО ДИГАРОН МЕХАНДАНД.
АГАР ШУМО ҲАМАИ ОН ЧИЗҲОИ ГУФТАИ МОРО ФАРОМӮШ КУНЕД ҲАМ, ҲАМИН ЯК ЧИЗРО ФАРОМӮШ НАКУНЕД.


ХУДО ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД.
ХУДО МАРО ДӮСТ МЕДОРАД? ОЁ ИН РОСТ БУДА МЕТАВОНАД?
ХУБ. ХУДОЧОН, АГАР ҲАМИН ТАВР БОШАД, ТУ ЯГОНА КАСЕ ҲАСТӢ, КИ МАРО ДӮСТ МЕДОРӢ. АГАР ТУ МАРО ХОҲӢ, МАН ДАР ПЕШИ ТУЯМ.
ОСУДАГИИ ҲАЙРАТАНГЕЗЕ БА ДИЛИ ХУРДАКАКУ БЕТОҚАТИ Ӯ ДАРОМАД ВА Ӯ ФАҲМИД, КИ КОРИ ХУБЕ ШУД.
ИН ҲАҚИҚАТ АСТ. ХУДО МАРО ДӮСТ МЕДОРАД. МАН ИНРО ҲИС МЕКУНАМ.
ОН ШАБ ДАР ҶОГАҲ ДОРИ БОЗ ГИРЯ КАРД.
БА ТУ ЧӢ ШУД, ДОРИ?
ВАЛЕ ИН АШКИ ШОДӢ БУД.
БАЪДИ ЯКЧАНД ҲАФТА БА САҒИРХОНА ВАКИЛАИ НАВ БА КОР ОМАД, КИ Ӯ ЗАНИ ХУБЕ БУД.
ДОРИ, ТУ БО МАН БА КАЛИСО РАФТАН МЕХОҲӢ?
КАЛИСО? МАН НАМЕДОНАМ, ИН ЧӢ ХЕЛ МЕШАВАД. АММО, ҲА, МАН ҲАМ МЕРАВАМ.
ХУДО ҲАМАИ МОРО ДӮСТ МЕДОРАД, ВАЛЕ ГУНОҲҲОЯМОН МОРО АЗ ХУДО ДУР МЕСОЗАД.
ҶАЗОИ ГУНОҲ МАРГ АСТ, АММО ИСОИ МАСЕҲ ҶАЗОИ ГУНОҲҲОИ МОРО БА ХУД ГИРИФТ.


ҲАМИН ТАВР, АКНУН МО МЕТАВОНЕМ АЗ ХУДО БАХШИШ ПУРСЕМ ВА РОҲ СӮИ ХУДО КУШОДА АСТ.
КАСЕ КИ БА ИСОИ МАСЕҲ ИМОН МЕОРАД, ФАРЗАНДИ ХУДО НОМИДА МЕШАВАД. ИСОИ МАСЕҲ БА ОНҲО ҚУВВАТ МЕДИҲАД, КИ ФАРЗАНДОНИ ХУДО ГАРДАНД.
ПАС, БАЪДИ ДАР САҒИРХОНА ДУО КАРДАНИ МАН АНА ЧӢ ҲОДИСА РӮЙ ДОДААСТ. МАН ФАРЗАНДИ ХУДО ГАШТААМ.
ИН КИТОБИ МУҚАДДАС -КАЛОМИ ХУДО АСТ. ИНРО ҲАР РӮЗ ХОН ВА ХУДО БО ТУ БА ВОСИТАИ КИТОБИ МУҚАДДАС ГАП МЕЗАНАД.
ДОРИ, БАРОИ ТУ ТӮҲФАЕ ДОРАМ.
ТӮҲФА? БАРОИ МАН? ИН ЧИСТ?
ОХ, РАҲМАТ. ИН ТӮҲФАИ НАХУСТИНЕСТ, КИ МАН ДАР УМРАМ ГИРИФТААМ.
ИН ХЕЛЕ ҲАМ ҲАЯҶОНОВАР АСТ. – КИТОБИ МУҚАДДАСИ ШАХСИИ ХУДАМ. РАҲМАТ, ХУДОҶОН. МАН ВАЪДА МЕДИҲАМ, КИ ОНРО ҲАР РӮЗ МЕХОНАМ
ДОРИ АКНУН 13-СОЛА ШУДААСТ ВА БОЯД АЗ САҒИРХОНА РАВАД. ОИЛАИ ҚАБУЛКУНАНДАЕ ЁФТ ШУДА БУД, КИ ДОРИ ВА МЭРИРО БАЪДИ 7 СОЛИ ЗИНДАГӢ ДАР САҒИРХОНА, ҚАБУЛ КУНАД. ОНҲО БОЯД БА ҶАҲОНИ БЕРУН АЗ САҒИРХОНА БАРОЯНД.


АММО ОИЛАИ ҚАБУЛКУНАНДА ОНЕ НАБУД, КИ ОНҲО МУНТАЗИР БУДАНД.
МАН ДУГОНАИ МОДАРИ ШУМОЯМ. МАРО БИБӢ ГУФТА ҶЕҒ ЗАНЕД.
ДАР ҲАМИН ГИРДУ АТРОФ ОН ЧӢ ФАРМОЯМ, ИҶРО МЕКУНӢ, Ё ШАЛЛОҚ МЕХӮРӢ. ФАҲМО?
ҲАНГОМИ ХӮРОКИ НИСФИРӮЗӢ.
ЛАББАЙ, БИБӢ.
ШУМО, ДУХТАРҲО, ДЕРТАР ХӮРОК МЕХӮРЕД, АГАР ЯГОН ЧИЗ ЗИЁДАТӢ КУНАД.
БАРОИ НИГОҲУБИНИ ҲАРДУЯТОН ПУЛИ ЗИЁДЕ ЛОЗИМ АСТ. РАФТА МОДАРАТОНРО ЁБЕД. БА Ӯ ГӮЕД, КИ БА МАН ПУЛИ ЗИЁДТАР ДАРКОР.
ВАЛЕ МО ӮРО АЗ КУҶО ЁБЕМ?
МАН АЗ КУҶО ДОНАМ? ВАЙ ДАР КИМ-КУҶО ПЕШХИЗМАТ АСТ. АКНУН РАВЕДУ КОБЕД!
РАВ, МЭРИ, РАВ.
ВА БЕ ПУЛ БАРНАГАРДЕД! АГАР БЕ ПУЛ БАРГАРДЕД, ХУДАТОН МЕДОНЕД, КИ БО ШУМО ЧӢ ХОҲАД ШУД.
ДОРИ ВА МЭРИ ПОИ ПИЁДА ТАМОМИ КӮЧАҲОРО ТАЙ КАРДАНД, АЗ ЯК ТАРАБХОНА БА ДИГАРАШ МЕРАФТАНДУ МОДАРАШОНРО МЕКОФТАНД.


ҶАНОБ, БУБАХШЕД. МО МОДАРАМОНРО МЕКОБЕМ.
ДАР ИН ҶО ЗАНИ КӮДАКДОР КОР НАМЕКУНАД.
НОХОСТ ОНҲО МОДАРАШОНРО ДИДАНД.
МОДАРҶОН, МОДАРҶОН, МО ШУМОРО ЁФТЕМ.
ДОРИ, ГУМ ШАВ. МАН МОДАРИ ШУМО НЕСТАМ.
ИЛТИМОС, МОДАРҶОН. БИБӢ ПУЛ МЕПУРСАД.
ҲА-А. БА Ӯ ГӮЕД, КИ МАН ПУЛ НАДОРАМ. АКНУН ГУМ ШАВЕД.
БОЗГАШТ БА ХОНАИ БИБӢ.
ҲОЙ ДУХТАРИ БЕАҚЛ. МАН БА ТУ ГУФТАМ, КИ БЕ ПУЛ БАРНАГАРД.
ОХ, ХУДОҶОН. ХУДОИ АЗИЗ, ЧӢ ГУНОҲЕ КАРДАМ. МАН ДУО КАРДАМ, КИ МО МОДАРАМОНРО ЁБЕМ. ТУ БА МО ЁРӢ РАСОНДӢ, КИ ӮРО ЁБЕМ, ВАЛЕ Ӯ МОРО ДИДАН НАХОСТ ВА БА МО ПУЛ НАДОД.
АММО ХУДО АЗ БОЛОИ САРИ ДОРИ НАЗОРА МЕКАРД ВА ДЕРЕ НАГУЗАШТА...
ДОРИ ВА МЭРИ АЗ ХОНАИ БИБӢ БА ХОБГОҲИ ДУХТАРОНА БУРДА ШУДАНД.


МЭРИ, ТУ КӮРПАҲОИ ЗЕБОИ БОЛОИ КАТҲОЯМОНРО ДИДӢ?
ҲА. ВА ИН ХӮРОК ҲАМ ХЕЛЕ БОМАЗА АСТ.
ДАР ҲАЁТИ ДУШВОРИ ОНҲО ИН ХОНА ҶОЕ БУД, КИ ОНҲО ХУДРО КАМЕ ОЗОД ҲИС МЕКАРДАНД, АММО ОНҲО ДАР ОН ҶО ФАҚАТ 4 МОҲ ЗИНДАГӢ КАРДАНД.
ДУХТАРҲО, ЧИЗҲОЯТОНРО ҒУНДОРЕД. МО БАРОИ ШУМО ОИЛАЕРО ЁФТАЕМ.
МЭРИ, ШУНИДӢ? КИМ-КӢ МОРО ГИРИФТАН МЕХОҲАД.
БОВАРИАМ НАМЕОЯД. БАЪДИ ҲАМИН ҚАДАР СОЛҲО.
АГАР ИН ДУ ДУХТАР МЕДОНИСТАНД, КИ ЧӢ ХЕЛ ОИЛА ОНҲОРО ИНТИЗОР АСТ, ИН ҚАДАР ХУРСАНДӢ КАРДА, БА ҲАЯҶОН НАМЕОМАДАНД.
БИБӢ, ИН ТУӢ? ОЁ МО БА ХОНАИ ТУ БАРМЕГАРДЕМ?
НЕ, ИН ЗАН ШУМОРО БА ОИЛАЕ, КИ МОДАРАТОНРО МЕШИНОСАД, МЕБАРАД.
ОХ, НЕ. ИН ОН ҚАДАР МАЪҚУЛ НАМЕНАМОЯД.
ДАР ХОНАИ МЕЙКИНҲО.
ЯГОН НОМАЪҚУЛИАТОНРО НАБИНАМ. ШУМО ИН ҶО БАРОИ КОР КАРДАН ОМАДАЕД. АКНУН ТЕЗ БА ОШХОНА РАФТА, КОРРО САР КУНЕД.
ОХ, НЕ. БОЗ АЗ НАВ.


ҲОЙ ДУХТАРИ БЕАҚЛ. ТУ ЧӢ ИН ҚАДАР ДУРУ ДАРОЗ ХАРИД КАРДӢ?
ИЛТИМОС, МАРО НАЗАНЕД! МАН БО ТАМОМИ ҚУВВА ДАВИДАМ.
МЭРИ, БАРОИ ЧӢ ОНҲО ҲАМЕША МАРО МЕЗАНАНДУ ТУРО НЕ? МАН ЧӢ КОРИ БАД КАРДААМ?
МАН НАМЕДОНАМ.
МЭРИ БО ДУХТАРИ МЕЙКИНҲО ХОБ МЕКАРД, АММО ДОРИ ДАР ЗАЛ ДАР АЛВОНЧКУРСӢ ХОБ МЕКАРД ВА ТЕЗ-ТЕЗ...
МАРДҲОИ НОШИНОСЕ АЗ НАЗДИ Ӯ ГУЗАШТА, БА ХОНАИ ХОБИ ХОНУМА МЕЙКИН МЕРАФТАНД.
БА МАН НАРАСЕД.
ВАҚТЕ ДАР ОХИР ОНҲО ӮРО БА АҲВОЛИ ХУД ГУЗОШТА МЕРАФТАНД, Ӯ САРАШРО БА БОЛИШТ ЗЕР КАРДА, ГИРЯ МЕКАРД.
ДОРИ БА ҚАДРИ ҲОЛ ДУХТАРИ КАЛОН БУД ВА ЧӢ ХОСТАНИ ИН МАРДҲОРО МЕФАҲМИД.
ДОРИ АЗ ДИЛУ ЧОН МЕХОСТ, КИ ӮРО ДӮСТ ДОРАНД, ВАЛЕ ЯГОН КАС МЕҲРИ ӮРО ҚАБУЛ НАКАРД. БАРОИ ҲАМИН Ӯ АЗ САРИ НАВ БА ХУДО РӮЙ ОВАРД.
РАҲМАТ, ХУДОЧОН, КИ МАРО ДӮСТ МЕДОРӢ.
ҲАР ПАГОҲӢ ВАЙ ДАРИ ҲАММОМРО ҚУЛФ КАРДА, ДУО МЕКАРД ВА ХУДО БО Ӯ БА ВОСИТАИ КИТОБИ МУҚАДДАС ГАП МЕЗАД.
ОҲ, ИН ВАЪДАИ ХУБ АСТ. МАН БОЯД ИНРО БА ХОТИР ГИРАМ.
НАТАРС, МАН БО ТУ ҲАСТАМ.


ЭЙ ПАДАРИ МЕҲРУБОН, МАРҲАМАТ КАРДА, ИМРӮЗ БА МАН ДАР ХОНИШАМ ЁРӢ РАСОН ВА АЗ ТУ ХОҲИШ МЕКУНАМ, КИ МАРО ДАР ПАНОҲАТ НИГОҲ ДОР, ТО ХОНУМА МЕЙКИН МАРО БАЪДИ ДАРСҲО НАЗАНАД.
ХУДО ТЕЗ-ТЕЗ БА ВОСИТАИ СУХАНҲОЕ, КИ ДОРИ АЗ ЁД КАРДА БУД, БО Ӯ СӮҲБАТ МЕКАРД.
МАН ОРЗУ МЕКАРДАМ, КИ КУРТАИ ЗЕБОЕ МОНАНДИ ҲАМИН ДОШТА БОШАМ.
ДОРИ, ТУ АЗ АДОЛАТИ ИСОИ МАСЕҲ ЛИБОСИ ЗЕБОЕ ДАР БАР ДОРӢ.
РӮЗИ ДИГАР.
МАН ЧУНОН ГУРУСНААМ, КИ... МАН ОРЗУ МЕКАРДАМ ЯГОН ЧИЗ ХӮРАМ.
ОДАМИЗОД НА ТАНҲО БО НОН ЗИНДАГӢ МЕКУНАД.
МАН ОРЗУ МЕКАРДАМ КИ ЯГОН КАС ДАСТИ МАРО ГИРАД.
ДОРИ, МАН ПАДАРАТ, МОДАРАТ ВА ХОҲАРУ БАРОДАРАТ ХОҲАМ БУД. МАН ҲАМЕША БО ТУАМ.
МАН ОСУДА ХОБ МЕРАВАМ, ЗЕРО Ӯ НИГАҲБОНИ МАН АСТ.


ЯК НИСФИРӮЗИИ ЯКШАНБЕ...
МАН ҲАЙРОНАМ, ОЁ БА ВОСИТАИ РАДИО ЯГОН ЧИЗ МЕШУНАВОНАНД?
РАҲМАТ БА ТУ, ИСОИ МАСЕҲ, КИ МАРО ДӮСТ МЕДОРӢ.
ОХ, ЧӢ ХЕЛ ОҲАНГИ ЗЕБО!
АЗ ОН РӮЗЕ, КИ ВАЙ ДУО МЕКАРД, ОИЛАИ МЕЙКИНҲО ҲАР НИСФИРӮЗИИ ЯКШАНБЕ БАРОМАДА МЕРАФТАНД ВА ДОРИ МЕТАВОНИСТ БАРНОМАИ ИНҶИЛРО ГӮШ КУНАД.
КАЛОМИ ХУДО МЕГӮЯД: „ҲАМАИ ОН КАСОНЕ, КИ МОНДА ШУДАЕД, НАЗДИ МАН БИЁЕД ВА РОҲАТ МЕЁБЕД".
ДОРИ РӮЗҲОИ ЯКШАНБЕ КӮЧАҲОИ ШАҲРРО ДАР ҶУСТУҶӮИ КАЛИСО ПИЁДА ТАЙ МЕКАРД.
Ре аи кори калисо. Якшанбе соати 10 пагоҳӣ.
ВАЙ БА КАЛИСОИ МАСЕҲИЁН ДОХИЛ ШУДА, БАЪДИ ЧАНД ВАҚТ ДАР БАЙНИ ОДАМОН ТАЪМИД ГИРИФТ.
ХУДОЁ, ҲАЁТАМРО БА ТУ МЕБАХШАМ. БИГЗОР ТАМОМИ ДУНЁ ИНРО ДОНАД.
МАН ТУРО БО НОМИ ПАДАР, ПИСАР ВА РӮҲИ МУҚАДДАС ТАЪМИД МЕДИҲАМ.
АММО ОИЛАИ МЕЙКИНҲО ХУРСАНД НАБУДАНД.
ЧӢ ХЕЛ ВАҚТГУЗАРОНИИ БЕАҚЛОНА -БА КАЛИСО РАФТАН. ПЕШ АЗ БА ЯГОН ҶО РАФТАН ҲЕЗУМРО БИСЁРТАР ШИКАСТА МОН.


ОНҲО ҲАНӮЗ ҲАМ ӮРО МЕЗАДАНД. ДАР МАКТАБ...
ҲА. ҲОЗИР РӮЯМРО БА ДЕВОР ЗАДА ГИРИФТАМ.
МАН ҲАҚ НАДОРАМ, КИ БА ЯГОН КАС ГӮЯМ, КИ ДАР ХОНА ЧӢ ШУДА МЕГУЗАРАД. АГАР МЕЙКИНҲО ДОНАНД, КИ МАН ДАР БОРАИ ОНҲО НАҚЛ МЕКУНАМ, ОНҲО АЗ ИН ҲАМ БАДТАР МУНОСИБАТ МЕКУНАНД.
ДОРИ БАРОИ ЧӢ РӮЯТ ХАРОШИДАГӢ?
ДОРИ, АЗ БИНИАТ ХУН РАФТА ИСТОДААСТ.
ҲМ. ҲАНГОМИ БА МАКТАБ ОМАДАН ДАР РОҲ АФТИДАМ.
АММО ДАР ОХИР, РӮЗЕ ДАР БЕРУНИ МАКТАБ...
ТУ ДОРИ ДАКВАРС ҲАСТӢ?
Ҳ... ҲА.
МОДАРАТ БО ГУНОҲИ БЕЭЪТИНОӢ НИСБАТ БА КӮДАК БА ҶАВОБГАРӢ КАШИДА ШУДААСТ. МО ИНЧУНИН ДАР БОРАИ ОДАМОНЕ, КИ ШУМО БО ОНҲО ЗИНДАГӢ МЕКУНЕД, МАЪЛУМОТ ДОРЕМ.
НЕ, НЕ. НАХОД!
ҲАМОН РӮЗ, БАЪДТАР ДАР ХОНАИ МЕЙКИНҲО...
КАНӢ ИН ҶО ДАРО, НАҲС.


ЧӢ ТАВР ТУ ИНРО ДАР ҲАҚҚИ МО РАВО ДИДӢ? МО БА ТУ ХОНА ДОДЕМ, КИ АҲВОЛАТ ХУБ ШАВАД.
ВА ТУ МОРО БА ПОЛИС ХАБАРКАШӢ МЕКУНӢ?
БАС, БАС. ШУМО МАРО МЕКУШЕД.
ХУДОЁ, ХУДОВАНДО. ИНАШ АЗ ҲАД ГУЗАШТ. ХУДОҶОН, АЗ ТУ ХОҲИШ МЕКУНАМ МАРО АЗ ИН ҶО РАҲОЙ ДЕҲ.
ВА ХУДО МЕДОНИСТ ЧӢ ХЕЛ ОДАМ МЕТАВОНАД...
БАЪДИ ЯКЧАНД РӮЗ ДАР ЗАЛИ СУД...
ДОРИ ДАКВАРС, ЯК ҚАДАМ БА ПЕШ.
ЛАУРА ДАКВАРС, ИН ДУХТАРИ ШУМОСТ?
ҲА, БА ФИКРАМ. АММО, СУДЯ, АГАР МАН МЕТАВОНИСТАМ, АЗ Ӯ ПЕШ АЗ ТАВАЛЛУДШАВИАШ ХАЛОС МЕШУДАМ.
МУҲОКИМАИ КӮТОҲЕ КАРДАНД ВА СУДЯ ҲУКМИ ХУДРО БАРОВАРД.
ДОРИ ВА МЭРИ АЗ ШУМО ТАМОМАН ГИРИФТА МЕШАВАНД ВА АЗ ТАРАФИ ҚОНУН НИГОҲУБИН КАРДА МЕШАВАНД.
ВА ДОРИ, ТУ АЗ ОИЛАИ МЕЙКИНҲО ГИРИФТА БА ОИЛАИ ДИГАР БУРДА МЕШАВӢ.
ОҲ. ХУДОҶОН, ШУКРОНАИ НОМАТ, ИН КОРИ ТУСТ.
МОДАРИ ДОРИ АЗ ҚАҲРУ ҒАЗАБ БА ДЕВОНАГӢ РАСИДА БУД.
АГАР ЯГОН ВАҚТ ШУМОРО БОЗ БИНАМ, МЕКУШАМ.


АММО АКНУН ДОРИ ТАМОМАН ФАҲМИД, КИ БАРОИ ЧӢ МОДАРАШ ӮРО БАД МЕБИНАД.
ВАЙ ҲАНӮЗ 15-СОЛА ВА БА ШАВҲАР НАБАРОМАДА БУД, КИ ҲОМИЛАДОР ШУД.
ВАЙ ФИКР МЕКУНАД, КИ БА ҲАМАИ НОБАРОРИҲОИ ЗИНДАГИАШ МАН ГУНАҲГОРАМ.
АЗ БАРОИ МАН ШУДА Ӯ БА ШАВҲАР БАРОМАД, АММО ПАДАРАМ ДЕРЕ НАГУЗАШТА ӮРО ПАРТОФТА РАФТ.
ХУДОҶОН, БА МАН ЁРӢ РАСОН, КИ ГУНОҲҲОИ МОДАРАМРО БУБАХШАМ. ИН КОРИ ДУШВОРЕСТ, АММО МАН МЕДОНАМ, КИ ТУ ҲАМИНРО МЕХОҲӢ.
АЗ ҲАМОН ЛАҲЗАЕ, КИ ДОРИ ҚАРОР ДОД ТАМОМИ ГУНОҲҲОИ МОДАРАШРО БУБАХШАД, ОСУДАГИИ ХУДОВАНД ДАР ДИЛИ Ӯ ҶОЙ ГИРИФТ, БАДӢ ӮРО ТАРК КАРД ВА ХУДО ҶАРОҲАТҲОИ ДИЛАШРО ШИФО БАХШИД.
ТО ОН ЛАҲЗАЕ КИ МЭРИ ДАР ОИЛАИ МЕЙКИНҲО БУД, ОИЛАИ ДИГАРЕ ХОҲИШИ ГИРИФТАНИ ДОРИРО ДОШТАНД. ҲАМИН ТАВР ВАЙ ЧИЗУ ЧОРАИ КАМИ ХУДРО ҶАМЪ КАРДА, БАРОИ ДИДАНИ ИН НОШИНОСҲО РАФТ.
САЛОМ ДОРИ. БА ХОНАИ МО ХУШ ОМАДӢ.
АММО ҒАМХОРИҲОИ ОНҲО ДОРИРО ҚАНОАТМАНД КАРДА НАМЕТАВОНИСТАНД. ВАЙ МЕХОСТ, КИ ӮРО БЕҲАД ДӮСТ ДОРАНД.
МАН ОРЗУ ДОРАМ, КИ ҲОЛО КАМЕ ҲАМ БОШАД, МАРО ДӮСТ ДОРАНД.
ДОРИ ВА МЭРИ ҲАР РӮЗ ҲАМДИГАРРО ДАР МАКТАБ МЕДИДАНД.
ДОРИ, МАН БА ТУ ЯК ГАП ДОРАМ... МАН БА ШАВҲАР БАРОМАДАНИЯМ.
ОХ. МЭРИ. НЕ, ҲАНӮЗ НЕ. ТУ НАВ 15 СОЛА ШУДАӢ.
АВВАЛ МАКТАБРО ТАМОМ КУН. БАЪД МО ЯКЧАНД ВАҚТ КОР МЕКУНЕМ.
ТУ НАФАҲМИДӢ, МАН...
ДОРИ, МАН БОЯД... МАН ҲОМИЛАДОРАМ.
ОХ, НЕ! БАРОИ ЧӢ БА Ӯ ХУБ НИГОҲ НАКАРДАМ? ВАЙ ҲАМ МИСЛИ МАН МЕҲРУ МУҲАББАТРО МЕҶУСТ.
АММО ҶУСТУҶӮИ Ӯ БА МУНОСИБАТҲОИ НОДУРУСТ ОВАРДА РАСОНД.


ТУ БА КУҶО МЕРАВӢ?
ХОҲАРАМ МЭРИ ИМРӮЗ ТӮИ АРӮСӢ ДОРАД.
ТУ БА ИН ТӮЙ БОЯД НАРАВӢ.
АММО... ВАЙ БА МАН МӮҲТОҶ АСТ.
ВАЙ ОДАМИ НОШОЯМ АСТ, АЙНАН МИСЛИ МОДАРАТ. МО НАМЕХОҲЕМ, КИ ТУ ҲАМ МИСЛИ ВАЙ ШАВӢ.
ОХ, ХУДОЁ,ЗИНДАГӢ БАЪЗАН АЗ ҲАД ЗИЁД САХТ АСТ. ХУДОҶОН, БА МАН ҚУВВАТ ДЕҲ, ТО БА ДАРДИ ДИЛАМ ТОҚАТ КУНАМ.
ХУДОЁ, ХУДОВАНДО, БА МЭРИ ВА ШАВҲАРИ Ӯ ЁРӢ РАСОН. ЁРӢ РАСОН, КИ ОНҲО МУҲАББАТИ ТУРО, ҒАМХОРИҲОИ ТУРО БИНАНД.
РӮЗЕ, ВАҚТЕ КИ ДОРИ 16-СОЛА БУД, ВАЙ ҚАРОР ДОД, КИ АЗ КУНҶКОБӢ БОЗ БА САҒИРХОНА РАВАД.
ДОКТОР ВЕЛЧ.
ДОРИ. ЧӢ ХУБ АСТ, КИ ТУРО БОЗ МЕБИНАМ. ЗИНДАГИАТ ЧӢ ХЕЛ?
ОХ, БА ФИКРАМ ҲАМААШ ХУБ АСТ.
ДОКТОР ВЕЛЧ, ДУХТУРИ МЕҲРУБОНЕ, КИ КӮДАКОНИ САҒИРХОНАРО МУОЛИҶА МЕКАРД, ДОРИРО БО ТАКЛИФИ ХУД ҲАЙРОН КАРД.
ОЁ ТУ БА ХОНАИ МАН ОМАДА, БО ОИЛАИ МАН ЗИНДАГӢ КАРДА ВА БАРОИ МАН КОР КАРДА МЕТАВОНӢ?
БИСЁР ҲАМ ХУБ МЕШУД. БА МАН БИСЁР МАЪҚУЛ АСТ.
ДАР ХОНАИ ВЕЛЧ.
ДАРО, ДОРИ. МО УМЕДВОРЕМ, КИ ТУ БО МО ХЕЛЕ ХУШБАХТ ХОҲӢ БУД.


ИН ҲУҶРАИ ТУ АСТ, ДОРИ. ВА ДАР ОН ҶО БОЛОИ КАТ ЛИБОСҲОИ НАВ БАРОИ ТУ АСТ.
ҲАМАИ ИН БАРОИ МАН? ЧӢ ХЕЛ ЗЕБО!
ВА БАЪД ВАЙ САРФАҲМ РАФТ...
АММО ИН ЛИБОСИ ХИЗМАТӢ АСТ. ОХ, ТАНҲО ҲАМЧУН ХИЗМАТГОР.
ВАЛЕ ДОРИ ДАР ХОНАИ ДУХТУР ХУШБАХТ БУД. ИН ЯКУМИН ОИЛАЕ БУД, КИ ДАР БОРАИ Ӯ ҒАМХОРӢ МЕКАРДАНД.
ТУ БО КӮДАКОН ХЕЛЕ ХУРСАНД ҲАСТӢ, ДОРИ. БИЁ ИСТИРОҲАТ КУН. ТУ ЭҲТИМОЛ БАЪДИ КОРҲОИ РӮЗОНА МОНДА ШУДА БОШӢ.
КАДОМ КИТОБЕ, КИ БА ТУ МАЪҚУЛ АСТ, АЗ КИТОБХОНА ГИРУ ХОН.
ТУ КАДОМ КИТОБРО ХОНДА ИСТОДАӢ?
ИН КИТОБИ МУҚАДДАСИ МАН АСТ. МАН ОНРО ҲАР РӮЗ МЕХОНАМ.
ИН КИТОБ БА МАН КАЛОМИ ХУДОРО МЕОМӮЗАД. ВА МАН МЕХОҲАМ, КИ ОНРО БОЗ БЕҲТАР ДОНАМ. ИН КИТОБ БА МАН ЁРИИ ХЕЛЕ КАЛОН РАСОНДААСТ.
ХА, ХУБ. МАН ХУРСАНДАМ, КИ ИМОНАТ ТУРО ДАР ЗИНДАГИИ САХТУ ДУШВОР МАДАДГОР ШУД.
ОХ, ИН ЗИЁДА АЗ ГУФТАҲОИ ШУМОСТ, ХОНУМА ВЕЛЧ. БАРОИ ОН КИ ИСОИ МАСЕҲ ҶАЗОИ ГУНОҲҲОИ МОРО БА ХУД БАРДОШТ ВА МАН БА ОИЛАИ ХУДО ДОХИЛ ШУДАМ.
АГАР ШУМО ХОҲИШ КУНЕД, БАРОИ ШУМО НИЗ ҲАМИН КОРРО МЕКУНАД.
МАН МӮҲТОҶИ ХУДО НЕСТАМ, ДОРИ. МАН ШАВҲАРИ ХУБ ВА ДУ ФАРЗАНДИ ДӮСТРӮЯК ДОРАМ. МАН ДИГАР БА ЧӢ ЭҲТИЁҶ ДОРАМ?
ВАЙ БА МАН ИН ҚАДАР МЕҲРУБОН АСТ. ОХ, МАН ОРЗУ ДОРАМ, КИ ВАЙРО ТАВОНАМ ВОДОР СОЗАМ, ТО ИНРО ФАҲМАД.


ДОРИ МАКТАБРО ТАМОМ КАРД ВА БА КОЛЛЕҶИ САНЪАТ ДОХИЛ ШУД. АКНУН Ӯ 19-СОЛА АСТ ВА Ӯ МЕДОНАД, КИ ДИГАР ДАР ИН ОИЛА ҲАМЧУН ХИЗМАТГОР ИСТОДА НАМЕТАВОНАД. ҒАЙР АЗ ИН, РӮЗЕ, ДОКТОР ВЕЛЧ ӮРО БО СУОЛИ ХУД ҲАЙРОН КАРД.
ДОРИ, ПАДАРИ ТУ КУҶОСТ?
ПА... ПАДАРАМ? НАМЕДОНАМ. МАН ҲЕҶ ГОҲ ӮРО НАДИДААМ.
БАРОИ ЧӢ МО БА ҶУСТУҶӮИ Ӯ КӮШИШЕ НАКУНЕМ?
БА ФИКРАМ МАН БОРЕ ШУНИДА БУДАМ, КИ Ӯ ДАР ОКЛАҲОМА ЗИНДАГӢ МЕКУНАД.
АЛОҚАЧӢ? МАН ДУХТУРАМ. ШУМО БА МАН ГУФТА МЕТАВОНЕД, КИ ОЁ ҶАНОБИ ДАКВАРС ДАР ОКЛАҲОМА, ШАҲРИ ТУЛСА ЗИНДАГӢ МЕКУНАД?
ЯК ДАҚИҚА САБР КУНЕД. ҲА, ВАЙ ОН ҶО ЗИНДАГӢ МЕКУНАД. РАҚАМИ ТЕЛЕФОНАШРО МЕНАВИСЕД?
НЕ, РАҲМАТ. МАН ФАҚАТ МЕХОСТАМ ДОНАМ, КИ ОЁ ВАЙ ДАР ОН ҶО ЗИНДАГӢ МЕКУНАД. ХАЙР, ХУШ МОНЕД.
ХУБ, ДОРИ. БА ФИКРАМ МО БОЯД СУРОҒАИ ПАДАРАТРО ЁФТА, БА Ӯ ХАТ НАВИСЕМ.
АҶОИБ, ЧӢ ХЕЛ АЗ МАРДЕ, КИ ӮРО НАМЕШИНОСӢ, МЕПУРСӢ КИ ОЁ ВАЙ ПАДАРИ ТУ АСТ.
БАЪД АЗ 2 ҲАФТА...
МАРҲАМАТ КАРДА, БАРОИ МАКТУБ ИМЗО КУНЕД.
ҲА, АЛБАТТА.


ЭЙ, ИН МАКТУБ БАРОИ МАН.
ХУБ, ТЕЗТАР КУШО.
МАН НАМЕТАВОНАМ, ИН АЗ ҶАНОБ ДАКВАРС.
МАН ИНРО ХОНДА НАМЕТАВОНАМ. ГУФТА ДИҲЕД, КИ ВАЙ ЧӢ МЕНАВИСАД?
БИЁР, МАН КУШОДА ДИҲАМ.
МАН ПАДАРАМРО ЁФТАМ.
НИГОҲ КУН, ЧӢ ХЕЛ ИМЗО КАРДААСТ.
Падари дӯстдори ту.
БОВАРИАМ НАМЕОМАД, КИ ИН ТУ БОШӢ. ҲАМАИ ҲОДИСАҲОИ ГУЗАШТА ПЕШИ НАЗАР ОМАД. МАН ХЕЛЕ ХУРСАНД ҲАСТАМ, КИ АҲВОЛАТ ХУБ АСТ. ҶАВОБИ МАКТУБРО НАВИС.
МАН БОВАР КАРДА НАМЕТАВОНАМ, КИ ИН ҲАҚИҚАТАН ҲАМ РӮЙ ДОДА ИСТОДА БОШАД.
БАЪДИ ЯКЧАНД ҲАФТА ТЕЛЕФОН ЗАНГ ЗАД.
БО ДОРИ ГАП ЗАДАН МУМКИН АСТ?
ИН ДОРИ АСТ.
ДОРИ, АЗИЗАКАМ, ИН ПАДАРАТ ГАП МЕЗАНАД. МЕХОҲАМ ТУРО БИНАМ. ТУ БА НАЗДИ МАН ОМАДА МЕТАВОНӢ?
МАН МЕТАРСАМ. НАМЕХОҲАМ, КИ БОЗ РАД КУНАНДАМ.
НЕ, ПАДАРҶОН. АГАР ТУ МАРО БИНӢ, МАРО НАМЕХОҲӢ.
БЕАҚЛӢ НАКУН. МАН АЛБАТТА ТУРО МЕХОҲАМ. МАН НИСФИ РОҲКИРОРО МЕФИРИСТАМ. ФАҚАТ, ТЕЗТАР БИЁ!


ВАЛЕ ДОРИ БОҶАСОРАТ РАФТА БАРОИ САЁҲАТИ ДУРУДАРОЗ АЗ КАЛИФОРНИЯ БА ОКЛАҲОМА БИЛЕТИ АВТОБУС ХАРИД.
МАН ПАДАРАМРО ЧӢ ХЕЛ МЕШИНОХТА БОШАМ?
ЧӢ МЕШАВАД, АГАР МАН БА Ӯ МАЪҚУЛ НАШАВАМ?
ДАР ИСТГОҲИ АВТОБУС БАЪДИ ОМАДА РАСИДАН ДОРИ АЗ БАЙНИ АНБӮҲИ ОДАМОНИ НОШИНОС ПАДАРАШРО ҶУСТУҶӮ МЕКАРД.
МЕБАХШЕД, ҶАНОБ. ШУМО ПАДАРИ МАН НЕСТЕД?
ДОРИ?
ПАДАРАШ ӮРО БА ХОНААШ БУРД.
ДОРИ, ШИНОС ШАВ, — ЗАНИ МАН БЛАНШ.
ХУШ ОМАДӢ, ДОРИ.
ДОРИ, ТУ БАРОИ ЧӢ БО МАН НАМЕИСТӢ? ТУ МЕТАВОНӢ ИН ҶО ҶОИ КОР ЁБӢ.
ВАЙ ҲАҚИҚАТАН ҲАМ МАРО ДӮСТ МЕДОРАД ВА МАРО МЕХОҲАД.
РАҲМАТ, ПАДАРҶОН. МАН ҲАМИН ТАВР МЕКУНАМ.
ПАДАРҶОН, БАРОИ ЧӢ ТУ МАРО ЯГОН БОР НАКОФТӢ?
ИНРО ФАРОМӮШ КУН, АЗИЗАМ. МАН ДАР БОРАИ ГУЗАШТА ГУФТУГӮ КАРДАН НАМЕХОҲАМ.
ПАДАРҶОН, ПЕШ АЗ ОМАДАН БА НАЗДИ ШУМО, МАН ЯК РАФИҚИ ҶОНӢ ДОШТАМ.
ҲА. ВАЙ КӢ БУДААСТ?


РАФИҚИ МАН ИСОИ МАСЕҲ АСТ. ВАҚТЕ КИ ДАР САҒИРХОНА ЗИНДАГИИ САХТУ ВАЗНИН БУД, МАН БА Ӯ ҲАЁТАМРО БАХШИДАМ, БА Ӯ ИМОН ОВАРДАМ ВА Ӯ ДӮСТИ БЕҲТАРИНИ МАН ГАШТ.
МАН БАРОИ ХУДО ВАҚТ НАДОРАМ. МАН ШУНИДАНИ ЧУНИН ГУФТУГӮЙРО НАМЕХОҲАМ.
ОХИР, ПАДАРҶОН, Ӯ ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД.
САФСАТТА. ШОЯД ТУ БА ДИН ЭҲТИЁҶ ДОШТА БОШӢ, АММО МАН БА ИН ШАВҚ НАДОРАМ. ДАР ИН БОРА МАН БОРИ ДИГАР ШУНИДАН НАМЕХОҲАМ.
ТУ ҶАВОНӢ, РАФТА ДИЛХУШӢ КУН. ТУ ҲОЗИР БА ИН ГУНА КОРҲОИ ҶИДДӢ ҶАВОНӢ.
БАРОИ ЧӢ БИСЁРИИ ОДАМОН ИНРО НАМЕФАҲМАНД?
ДОРИ БО ПАДАРАШ ЯКҶОЯ ДУ СОЛ ЗИНДАГӢ КАРДАНД, ВАЛЕ МУБОРИЗА ДАР ДИЛИ ВАЙ ТАНҲО ЗИЁД МЕШУД.
МАН ДАР ЯК ВАҚТ ҲАМ ПАДАРИ РӮҲОНӢ ВА ҲАМ ПАДАРИ ҶИСМОНӢ ДОШТА НАМЕТАВОНАМ.
БА Ӯ ЧУНИН НАМУД, КИ ОВОЗЕРО МЕШУНАВАД, КИ БО Ӯ СӮҲБАТ МЕКУНАД.
ЗАМОНЕ КИ ҲАМА ТУРО БАД МЕДИДАНД, КӢ ТУРО ДӮСТ МЕДОШТ?
ДАР ҲАҚИҚАТ ПАДАРАМ МАРО ЯГОН МАРОТИБА ДАР САҒИРХОНА ХАБАР НАГИРИФТ. ВАЙ ҲЕҶ ГОҲ БАРОИ ЁФТАНИ МАН КӮШИШ НАКАРД.
ВА ВАҚТЕ КИ МОДАРАМ МАРО МЕЗАДУ ТАҲҚИР МЕКАРД, ТАНҲО ХУДО МАРО ТАСАЛЛО МЕДОД.
ХУДОҶОН, ДАР СОЛҲОИ ДУШВОРУ САХТИ ЗИНДАГӢ ТАНҲО ТУ МАРО ДАСТГИРӢ КАРДӢ. МАН ҲЕҶ ГОҲ АЗ ТУ РӮЙ НАМЕГАРДОНАМ.
ПАДАРҶОН, МАН БА ЯК ҚАРОР ОМАДАМ. МАН БА КАЛИФОРНИЯ БАРМЕГАРДАМ.
АГАР ТУ ҲАМИНРО ХОҲӢ, АЗИЗАМ, МАН ҲАМ ХУРСАНДАМ.
БО ДИЛИ ПУРАНДӮҲ ДОРИ ЛИБОСҲОЯШРО БА ҶОМАДОН ҶОЙ КАРДУ БО ПАДАРАШ ХАЙРУХУШ КАРДА, БА ИСТГОҲИ АВТОБУС РАВОНА ШУД.


АКНУН ДОРИ 21-СОЛА БУД. ВАЙ БА НАЗДИКӢ ҶОИ КОРИ НАВ ЁФТ ВА БА ҲАЁТИ КАЛИФОРНИЯ БАРГАШТ. ВАЛЕ ҲАРЧАНД ЗИНДАГӢ ХУБ БУД, ВАЙ ХУД-РО НООРОМ ҲИС МЕКАРД.
ДОРИ, ОЁ ҲАЁТАТРО БА МАН МЕБАХШӢ, ТО КИ ДАР БОРАИ МАН БА ДИГАРОН НАҚЛ КУНӢ?
ТУ ЧИРО ДАР НАЗАР ДОРӢ? РАД КАРДАНИ ҶОИ КОР? БА ДИГАР МАМЛАКАТҲО РАФТАН? ОХ, ХУДОҶОН, ИН БИСЁР МУШКИЛ АСТ.
АММО ИСОИ МАСЕҲ ҲАЁТИ ХУДАШРО БАРОИ МО БАХШИД. БАРОИ ЧӢ МАН НАМЕТАВОНАМ ҲАЁТАМРО БУБАХШАМ?
МАЙЛАШ, ХУДОҶОН, ОН ЧӢ ТУ ХОҲӢ, ОНРО МЕКУНАМ ВА КУҶОЕ ХОҲӢ МЕРАВАМ.
ХУДО БА ДОРИ ФАРМУД, КИ БА МАМЛАКАТИ ДУРЕ РАВАД, БА НАЗДИ ОДАМОНЕ, КИ ДАР БОРАИ ИСОИ МАСЕҲ ВА МУҲАББАТИ Ӯ ҲЕҶ ГОҲ НАШУНИДААНД.
МАН БОЯД ПАДАРУ МОДАРИ ҶИСМОНИАМРО ЁФТА, ПЕШ АЗ РАФТАНАМ БО ОНҲО ХАЙРУХУШ КУНАМ.
ВАЙ ДАР ОН ҶОСТ.
ВАЙ ДАР ҶОИ КОРАШ ХУШБАХТ АСТ. ОЁ ВАЙ БОРЕ ДАР БОРАИ МАН ФИКР МЕКУНАД?
ТУ БО Ӯ ГАП ЗАДАН МЕХОҲӢ?
НЕ, БЕҲТАРАШ ГАП НАЗАНАМ.
ТО ҲАНӮЗ АЛАМ МЕКУНАД, ХУДОЁ, АММО ТУРО ШУКР МЕКУНАМ, КИ ЁРӢ РАСОНДӢ, ТО ГУНОҲҲОИ ӮРО БУБАХШАМ. БА ВАЙ БАРАКАТ ДЕҲ, ВАЙ МӮҲТОҶИ ДОНИСТАНИ ТУ АСТ.
МАН ГУЗАШТААМРО ТАҒЙИР ДОДА НАМЕТАВОНАМ, ЁРӢ РАСОН, КИ ОНРО ФАРОМӮШ СОЗАМ. ХУДОҶОН,ТУ БА МАН ОЯНДА ДОДАӢ ВА МАН МЕХОҲАМ, КИ БА ОН СӮ ҲАРАКАТКУНАМ.
ВА БАЪД ВАЙ БА АВТОБУСИ ДАРОЗЕ САВОР ШУДА, БА ОКЛАҲОМА БАРОИ БА ПАДАРАШ ГУФТАНИ ҚАРОРДОДИ ХУД ВА ХАЙРУХУШ КАРДАН РАФТ.
ПАДАРҶОН
ЭЙ, АЗИЗАМ. ХУБ КАРДӢ, КИ БОЗ ОМАДӢ. АЗ ДИДОРАТ ШОДАМ.


ПАДАРИ ДОРИ ДИЛИ КАСАЛ ДОШТ ВА БЕМОР БУД.
ДОРИ, МАН ТАМОМИ УМР МЕДОНИСТАМ, КИ ЧӢ МЕХОҲАМ ВА ЧӢ ХЕЛ ЗИНДАГӢ КУНАМ, ВАЛЕ МАН НАМЕДОНАМ ЧӢ ХЕЛ МЕМУРДА БОШАМ – ВА МАН МУРДА ИСТОДААМ.
ПАДАРҶОН, ИСОИ МАСЕҲ ЯГОНА КАСЕСТ, КИ МЕТАВОНАД МОРО БАРОИ МАРГ ТАЙЁР КУНАД. ШУМО МЕТАВОНЕД ӮРО ҚАБУЛ КУНЕД.
НЕ, МАН ӮРО НАМЕХОҲАМ. НА ДАР СИҲАТИАМ МЕХОСТАМУ НА ҲОЗИР.
ПАДАРҶОН, Ӯ ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД.
ИН ГУФТУГӮРО БАС КУН. МАН ДАР ИН БОРА ДИГАР СУХАНЕ ШУНИДАН НАМЕХОҲАМ.
. ПАДАРҶОН, МАН ОМАДАМ БА ШУМО ГӮЯМ, КИ МИССИОНЕР ШУДА, БА ДИГАР МАМЛАКАТҲО РАФТА, БА ОДАМОН ДАР БОРАИ ИСОИ МАСЕҲ МАВЪИЗА КАРДАНИЯМ.
АГАР ТУ ҲАМИН ХЕЛ НИЯТ ДОШТА БОШӢ, ҶОМАДОНАТРО НАКУШО. БАРГАШТА БА КАЛИФОРНИЯ РАВ.
ПАДАРҶОН, ШУМО ИН ХЕЛ НАМЕГӮЕД.
МЕГӮЯМ.
ТУРО ДИГАР ҲЕҶ ГОҲ ДИДАН НАМЕХОҲАМ.
ДОРИ „ТАКСИ" ҶЕҒ ЗАДА, ҶОМАДОНАШРО ҶОЙ КАРД.
ХАЙР, ПАДАРҶОН. МАН ҲОЗИР ҲАМ ТУРО ДӮСТ МЕДОРАМ.
ИН ДИДОРИ ОХИРИНИ ПАДАР БУД.
ХУДОҶОН, Ӯ ЯГОНА КАСЕ БУД, КИ МАРО ДӮСТ МЕДОШТ. ЧӢ ТАВР Ӯ ИНРО БА МАН РАВО ДИД?
ҲАНГОМИ ДАР МОШИН РАФТАН ХУДО БО ДИЛИ ШИКАСТАИ Ӯ ГАП МЕЗАД.
ҲЕҶ ЧИЗ ШУМОРО АЗ МУҲАББАТИ МАН ҶУДО КАРДА НАМЕТАВОНАД.
МАН ШУМОРО ТАРК НАМЕКУНАМ ВА ФАРОМӮШ НАМЕКУНАМ.


МОДАРАМ АЗ ТАВАЛЛУДШАВИИ МАН ПУШАЙМОН АСТ. ПАДАРАМ ДАР ХУРДСОЛӢ БОРЕ ҲАМ БА МАН ҒАМХОРӢ НАКАРДААСТ ВА АКНУН АЗ МАН РӮ ТОФТ.
ТАНҲО ЯК ДӮСТАМ МАРО ҲЕҶ ГОҲ НАМЕПАРТОЯД -ИСОИ МАСЕҲ. ШУКР БА ТУ, ХУДОВАНДО, ТУ АКНУН МАРО ҲЕҶ ГОҲ НАМЕПАРТОӢ ВА ИЛТИМОС, ИН ДАРДУ АЛАМРО АЗ МАН ДУР КУН.
ДАР МАКТАБИ МИССИОНЕРҲО...
ЧӢ ХЕЛ МАРДИ ЗЕБО! ДУХТАРЕ, КИ ЗАНИ Ӯ МЕШАВАД, ХУШБАХТ ХОҲАД БУД.
ЧӢ ХЕЛ ДУХТАРИ ДИЛКАШ! АҶОИБ, ВАЙ ЧӢ НОМ ДОШТА БОШАД?
ДОРИ, ТУ БО МАН БА ДӮКОНИ ГАМБУРГЕРФУРӮШӢ НАМЕРАВӢ?
МАЙЛАШ.
ЛОУД ВА ДОРИ БАЪДИ ИН МУНТАЗАМ ВОМЕХӮРДАНД ВА ДӮСТИИ ОНҲО РӮЗ АЗ РӮЗ МУСТАҲКАМ МЕШУД.
ДОРИ, МАН ТУРО ДӮСТ МЕДОРАМ. ЗАНИ МАН ШУДАН МЕХОҲӢ?
ҲА, БО ДИЛУ ҶОН.
БАЪДТАР ...
ХУДОЁ, ХУДОВАНДО, ТУ ЧӢ ҚАДАР МЕҲРУБОНӢ. БО ХОСТИ ТУ МАРДЕ МАРО ДӮСТ МЕДОРАД. БА ВАЙ ФАРҚ НАДОРАД, КИ БАШАРАИ МАН ЧӢ ГУНА АСТ?
ВА ХУДО БО КАЛОМИ ХУД БА Ӯ ҶАВОБ ДОД.
ҲАР КАСЕ, КИ АЗ ХОНААШ, Ё БАРОДАРОНАШ, Ё ХОҲАРОНАШ, Ё ПАДАРУ МОДАРАШ БАРОИ МАН ШУДА ДАСТ МЕКАШАД, ВОРИСИ ЗИНДАГИИ ҶОВИДОНӢ МЕГАРДАД.


ХУДОЧОН, ДАР ИН ДУНЁ БА МО ДУОИ ХАЙР ДЕҲ, БА МО ФАЙЗУ БАРАКАТ ДЕҲ. ХОНАИ МОРО БАРОИ ДИГАРОН МУБОРАК ГАРДОН.
ХУДОЁ, АГАР ТУ МОРО БАРОИ ЯК РӮЗ ЗЕБО ГАРДОНДА ТАВОНӢ, БИГЗОР ҲАМИН РӮЗ БОШАД.
ХУДОЧОН, АЗ ТУ МИННАТДОРАМ. ИМРӮЗ МАН ХУДРО ЗЕБО ҲИС МЕКУНАМ.
БАЪДИ ХОНАДОРШАВӢ, ЛОУД ВА ДОРИ ҲАМЧУН МИССИОНЕР БА МАМЛАКАТИ ГВИНЕЯИ НАВ -ЧАЗИРАИ КАЛОНЕ ДАР ОСИЁИ ЧАНУБӢ-ШАРҚӢ РАФТАНД.
ГВИНЕЯИ НАВ.
ОНҲО БА БИСЁР ОДАМОН ДАР БОРАИ ХУДО НАҚЛ КАРДАНД.
ХУДОЁ, БАРОИ ҲАМАИ ГУНОҲҲОЯМ ВА ҲАМАИ КОРҲОИ БАДЕ, КИ ДАР ҲАЁТАМ КАРДААМ, МАРО БУБАХШ. БИЁ, ХУДОЁ, БА ҲАЁТИ МАН РАҲНАМОЙ КУН.
ВА БИСЁРИҲО БА ХУШХАБАР (ИНЧИЛ) БОВАР КАРДАНД ВА ҲАЁТАШОНРО БА ХУДО БАХШИДАНД.
АКНУН Ӯ БА МУҲАББАТИ ХУДО ПУРРА БОВАРӢ ДОШТ. МУҲАББАТИ ХУДО ӮРО БА ЗАНИ ДИЛСӮЗУ ҒАМХОРЕ, КИ МЕҲРАШРО АЗ ДИГАРОН ДАРЕҒ НАМЕДОШТ, ТАБДИЛ ДОД.
ДУХТАРИ ЯККАВУ ТАНҲОЕ, КИ СОЛҲОИ ДАРОЗ МУНТАЗИРИ МУҲАББАТ НИШАСТА БУД.


БАЪДИ ГУЗАШТАНИ СОЛҲО ДОРИ БА ФАРЗАНДОНИ ХУД НАҚЛ МЕКУНАД.
МАН БАЪДИ АЗОБУ УҚУБАТҲОИ ЗИЁДЕ ХУДОРО ШИНОХТАМ ВА ДОНИСТАМ, КИ Ӯ МЕТАВОНАД АЗ „ҲЕҶБУДАГОН" „ҲАР КАС" СОЗАД. АГАР ШУМО ҲАМАИ ЧИЗИ ШУНИДААТОНРО ҲАМ ФАРОМӮШ КУНЕД, ИНРО АЗ ХОТИР НАБАРОРЕД:
ХУДО ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД.
ОЁ ШУМО ХУДОРО ЧУН ПАДАРИ ХУД ДОНИСТАН МЕХОҲЕД, ЧУНОНЕ КИ МАН КАРДААМ? МАН КӮШИШ МЕКУНАМ, КИ БА ҚАДРИ ИМКОН ОНРО СОДДАТАР КАРДА ФАҲМОНАМ.
АММО ОН ДАМЕ КИ ХЕЛЕ ХУРД БУДАМ, МАН МЕДОНИСТАМ, КИ МО ҲАМА КОРҲОИ БАДЕ МЕКУНЕМ ВА МОНАНДИ...
МАН ИНРО ДЕРТАР БА ДАСТШӮЯКИ ОШХОНА МЕРЕЗАМ.
ДУРӮҒГӮЙ
ДОРИ, КАНӢ ТЕЗ ИН ҶО БИЁ!
МАН БИСЁР ОДАМОНРО БАД МЕДИДАМ ВА БА БИСЁРИҲО ҲАСАД МЕБУРДАМ. ХУДО ҲАМАИ ИН КОРҲОРО ГУНОҲ МЕНОМАД.
ДУЗДӢ
БЕТАРТИБӢ
ЧАНД СОЛ БАЪД ДОРИ ИН ҚИССАИ ХУДРО БА ҲАМАИ БАЧАҲОИ ДУНЁ НАҚЛ МЕКУНАД.


ПИСАРИ ХУДО ҶАЗОИ ГУНОҲҲОИ МОРО БА ВОСИТАИ МАРГИ ХУД ГИРИФТ.
ХУДО
ОДАМИЗОД
ИСОИ МАСЕ
ХУДО ПОКУ МУҚАДДАС АСТ ВА ГУНОҲҲОЯМОН МОРО АЗ ХУДО ДУР МЕСОЗАД. КАЛОМИ ХУДО МЕГӮЯД, КИ ҶАЗОИ ГУНОҲ МАРГ АСТ.
АГАР ШУМО БОВАР КУНЕД, КИ ИСОИ МАСЕҲ БАРОИ ГУНОҲҲОИ ШУМО МУРДААСТ ВА АЗ Ӯ БАХШИШИ ГУНОҲҲОЯТОНРО ПУРСЕД, ШУМО ФАРЗАНДОНИ ХУДО МЕШАВЕД. Ӯ МЕОЯД ВА ДАР ДИЛИ ШУМО БО РӮҲИ МУҚАДДАСИ ХУД ЗИНДАГӢ МЕКУНАД ВА БА ШУМО ЁРӢ МЕДИҲАД, КИ ЗИНДАГИИ НАВРО БО Ӯ БА САР БАРЕД.
ГУНО
ИСОИ МАСЕҲ ЗИНДА АСТ! Ӯ АЗ МУРДАГОН ЭХЁ
ШУДА БА АРШИ АЪЛО - ДАРГОҲИ ХУДОВАНД БАРГАШТ.
ХАБАРҲОИ ХУШИ ИЛОВАГӢ.


ОЁ ТУ МЕХОҲӢ БА НАЗДИ ХУДО ОМАДА, ҲАЁТАТРО БА Ӯ БУБАХШӢ. ПАС ИН ТАВР ДУО КУН:
ХУДОЁ, ХУДОВАНДО! ШУКР БА ТУ КИ ИСОИ МАСЕҲРО БАРОИ ҶАЗОИ ГУНОҲҲОИ МО ФИРИСТОДӢ.
ХУДОҶОН, АЗ ТУ ХОҲИШ ДОРАМ, ГУНОҲҲОИ МАРО БУБАХШ, БА ҚАЛБИ МАН ДАРОЮ НАҶОТКОРИ МАН ШАВ ВА АЗ ИН ЛАҲЗА САР КАРДА РАҲНАМОИ ЗИНДАГИАМ ШАВ.
ОМИН.


ХУШ ОМАДЕД БА ОИЛАИ ХУДОВАНД. ВАЙ ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД ВА ВАЪДА МЕДИҲАД, КИ ҲЕҶ ГОҲ ШУМОРО НАМЕПАРТОЯД ВА ФАРОМӮШ НАМЕКУНАД. БА ШУМО ЁРӢ МЕДИҲАД, КИ ХУДОРО БЕҲТАР ШИНОСЕД. ИНАК СЕ ҚАДАМИ МУҲИМ:
1.
ҲАР РӮЗ ВАҚТ ЁФТА БА ХУДО ДУО КАРДАН.
2.
КАЛОМИ ӮРО -КИТОБИ МУҚАДДАСРО ХОНЕД, АГАР ДОШТА БОШЕД. ХУДО БО ШУМО БА ВОСИТАИ ОН СӮҲБАТ МЕКУНАД ВА ШУМОРО РАҲНАМОӢ МЕКУНАД.
3.
БО ДИГАР ИМОНДОРОН ТО ТАВОНЕД ТЕЗ-ТЕЗ ВОХӮРДА ИСТЕД.
ОНҲО ОИЛАИ НАВИ ШУМОЯНД ВА ШУМОРО ДАСТГИРӢ МЕКУНАНД ВА ЁРӢ МЕРАСОНАНД, ТО КИ ДАР ИМОНАТОН КОМИЛ ШАВЕД.

THIS COMIC IS AN ADAPTION OF THE BOOK:
**DORIE: THE GIRL NOBODY LOVED**
© 1979 PUBLISHED ORIGINALLY BY MOODY PRESS.

INTERNATIONAL COPYRIGHT SECURED
FOR THE COMIC EDITION THROUGH MOODY PRESS.
© 2002 FOR THE TAJIK **DORIE COMIC**
ALL RIGHTS RESERVED.

# ДОРИ

БАДДИДА . НОФОРАМ . ТАҲҚИРДИДА.

ДОРИ ҲАМАИ ИНРО ЧУН ЯТИМ АЗ САР ГУЗАРОНИД. ВАҚТЕ ПАДАРУ МОДАРАШ АЗ Ӯ ДАСТ КАШИДАНД, Ӯ АЗ ЯК САҒИРХОНА БА ДИГАРЕ ОВОРА ШУДА, ЯГОНА ЧИЗЕРО, КИ РӮ БА РӮ МЕОМАД, АЗОБУ УҚУБАТ ВА ЗУЛМИ НАДИДАНИ АЙЁМИ КӮДАКӢ БУД. АММО ДАР МИЁНИ ҲАМАИ ИН ҲОДИСАҲО ДОРИ БА ХУД ДӮСТЕРО ПАЙДО МЕКУНАД. Ӯ АКНУН МЕТАВОНИСТ ДАР ЛАҲЗАҲОИ МУШКИЛТАРИНИ ЗИНДАГИЯШ БА ВАЙ ПАНОҲ БАРАД. ИН ДӮСТАШ ТАВОНИСТ, КИ НОУМЕДИИ ДОРИРО БА УМЕД ТАБДИЛ ДИҲАД.

ИМРӮЗҲО ДОРИ ҲАМИН ҚИССАИ ХУДРО ДАР БОРАИ УМЕД ДАР САРОСАРИ ДУНЁ БА БАЧАҲО НАҚЛ МЕКУНАД:

„МАН ҲАМИНРО ФАҲМИДАМ, КИ ВАЙ ОНҲОЕРО, КИ „БЕСОҲИБ" ҲАСТАНД, „СОҲИБ" МЕШАВАД. ВА АГАР ШУМО ҲАМА ЧИЗРО ДАР ДУНЁ ФАРОМӮШ МЕКУНЕД, ҲЕҶ ГОҲ ИНРО ФАРОМӮШ НАКУНЕД, КИ...

**ХУДО ШУМОРО ДӮСТ МЕДОРАД!"**





TJ